**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология**

Дар шароити иқлими гарм нигоҳдорӣ ва парвариши чорвои ҷавон, махсусан гӯсолаҳо, зери таъсири омилҳои ҳарорат ва стрессҳои муҳит тағйир меёбад. Ҳангоми баланд шудани ҳарорати ҳаво дар организми ҳайвонот талафи об ва намакҳои минералӣ зиёд мешавад. Ин ҳолат асосан тавассути арақкунӣ ва нафаскашии тез ба амал меояд. Дар натиҷа мувозинати электролитҳо дар бадан вайрон гардида, тағйирот дар таркиби хун ба вуҷуд меояд. Инчунин мубодилаи аминокислотаҳо низ халалдор мешаванд. Дар чунин шароит кори системаи ҳозима ва мубодилаи моддаҳо суст шуда, ферментҳо фаъолияти худро пурра нишон дода наметавонанд ва қобилияти азхудкунии сафеда ва дигар моддаҳои ғизоӣ паст мешавад.

Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи муаллиф имкон медиҳад, ки механизмҳои мутобиқшавии ҳайвонот ба иқлими гарм амиқтар дарк шаванд, тавсияҳои илмӣ барои беҳтар кардани ғизодиҳии физиологӣ ва самаранокии парвариши чорво таҳия гарданд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо истифодаи оқилонаи бентонитҳои маҳаллӣ ва сафедаҳои витаминию минералии премиксҳои хӯрокӣ ба воя 80 гр илова намудан, ба реҷаи ғизои гӯсолаҳо ҳамчун катализатор дар раванди мубодилаи моддаҳо дар организм ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва гематологӣ инчунин ба афзоиш ва инкишофи вазни зинда, экстерйери гӯсолаҳои то синни 6 моҳа падидаи нав ва муҳим буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Муаллиф инчунин нишон медиҳад, ки истифодаи бентонит ва премикс дар шароити кам будани миқдори хӯрокҳои ширӣ метавонад барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии вазнафзункунӣ мусоидат намуда, ҳамзамон самаранокии истифодаи хӯрокро баланд бардорад.

Аз ҷониби диссертант оид ба мавзӯи диссетратсия 20 кори илмӣ-таҳқиқотӣ: 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР қабул карда шудааст, 1-монография, 2 дастури таълимӣ ва 12 фишурдаи мақолаҳо ба нашр расидааст.

Диссертатсия аз рӯйи муҳиммии худ, мавзуъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳо

оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса,** диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 Физиология, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ — Бобозода И.А.
*14 сентябри соли 2026*

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, деҳаи Ғажне.
тел: +992 (93) 600-06-77;
E-mail: ilhomjon.77@mail.ru

Имзои И.А. Бобозодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Қодирзода С.
*14 сентябри соли 2026*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

15.09.2026

**Суроғаи муассиса:** 733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони. Рудакӣ, 121.
тел: +992 (37) 224-13-83;
www.tgpu.tj, E-mail: info@tgpu